**Тақризи муқарризи расмӣ**

**ба диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад хело муҳим ва саривақти буда ба яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи педагогика бахшида шуда, он аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, рӯйихати адабиёт ва феҳристи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Дисертанти дараҷаи илмӣ Ёрматзода Алишер Ҷолмад кӯшиш ба харҷ додааст, ки равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ташкилии **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҷолмад** дар он таҷассум меёбад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзгорон лозим меояд, ки ба масъалаи дар руҳияи

худшиносӣ тарбия намудани хонандагон дар раванди таълиму тарбия аҳамияти махсус равона намоянд, зеро ин давраи синнусолӣ марҳилаест, ки дар онҳо пай дар пай хусусиятҳои шахсӣ, аз ҷумла, худшиносӣ тадриҷан ташаккул меёбад. Барои амалӣ гардидани ин мақсад дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаи ниҳоят муҳим-тарбияи насли наврас дар руҳияи хислатҳои наҷиби инсонӣ ва ахлоқи шоиста, ҷавобгӯ ба меъёрҳо ва талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ истодааст. Дар тарҳрезию корбаст намудани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, нақши омӯзгор ниҳоят калон аст. Ӯ бояд методикаи корҳои тарбиявиро хуб донад ва онро дар амал самаранок татбиқ карда тавонад, худ соҳиби донишҳои пухтаи илмӣ, маънавиёти баланд, ахлоқи ҳамида, ҷаҳонбинии васеъ ва таҷрибаи кофӣ бошад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар рисола масъалаҳои зерин мавриди омӯзиши унвонҷӯ қарор гирифтааст:

1. Асосҳои методологии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила дар асоси субъектҳои таъсиррасон, аз қабили мазмуни ҳамкорӣ, воситаҳои ҳамкорӣ, шакл ва методҳои ҳамкории педагогӣ.

2. Ҳамкории мутақобилаи педагогӣ ва субъекти раванди таълим дар кори якҷояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, ки ба ташаккули донишҳои худшиносии хонандагон нигаронида шудааст.

3. Баланд бардоштани фарҳанги психологӣ-педагогӣ ва заминаи худшиносии падару модарон тавассути ташкили семинарҳо, маърузаҳо оид ба тарбияи худшиносӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон аз тариқи дарсҳои тарбиявии намунавӣ бахшида ба мавзуъҳои худшиносӣ, ҳамчунин ворид намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба раванди худтарбиякунӣ, худрушдиҳӣ, худтакмилдиҳии худшиносӣ ва ғайра.

4. Муаррифии анъана ва расму оинҳои мардумӣ ва таҷрибаи тарбияи худшиносӣ дар муҳити педагогии оила зери таъсири ахбори

умум (телевизион, радио, нашрияҳои педагогии даврӣ ва ғайра), мубоҳисаҳо, мубодилаи афкор оид ба тарбияи худшиносӣ ҳамчун шакли баланд бардоштани фарҳанги худшиносии падару модарон, ташкили тренингҳои омӯзишӣ барои падару модарон оид ба азхудкунии технологияи ҳамкории педагогӣ бо МТМУ дар тарбияи худшиносӣ.

5. Шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкории (рӯзномаю маҷалаҳои электронӣ, дарсҳо тавассути ролик ва тахтаҳои электронӣ, телефон ва ғайра) педагогии оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон ва тарбияи ҳисси худшиносӣ.

**Дараҷаи навгониҳои рисолаи илмии унвонҷу** Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба ҳимоя пешниҳод шудаанд. Навоварии асосии ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки мавзуи мазкур масъалаи **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон** бо истифода аз доираи васеи сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиётҳои илмӣ – таълимӣ марбута ба мавзуи унвонҷӯ, ки мавриди таҳқиқи амиқи ӯ гардидааст, дар мавзуъ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои бадастомада бар пояи ҷанбаҳои зерин таҳлили илмӣ ёфтаанд:

1. Андешаҳои консептуалӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагон бо истифодаи андешаҳои мутафаккирони адабиёти тоҷику форс вобаста ба талаботи пешрафти ҷомеаи муосир таҳлилу баррасӣ гардидаанд, коркард шуд.

2. Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи муассисаҳои таълимӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва технологияи амалигардонии он ба таври озмоишӣ таҳқиқу баррасӣ карда шудааст.

3. Роҳу усул ва технологияи педагогии фаъолияти муштараки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии

хонандагон коркард ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии он исбот карда шуд.

4. Дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва натиҷагирӣ аз кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мазмуни фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагон муайян ва тавсияҳои методӣ барои самарабахшии ин раванд коркард гардидааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлили дақиқу саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас бароварда, дар бахши тавсияҳо, ки аз 11 банд иборат аст, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

Унвонҷӯ бо истифода аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавии муосир **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**ро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии онро мавриди таҳқиқи худ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии** таҳқиқоти диссертатсионии Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мавзуи рисола таҷассум меёбад. Арзиши илмии рисолаи номзадӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аз ҷониби муҳаққиқ ба таври васеъ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили педагогӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хоси

технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагонро дуруст арзёбӣ намояд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд минбаъд, дар ислоҳоти соҳаи педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, ба амал баровардани шаклҳои тарбияи худшиносии хонандагон, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳаҷм ва сохтори рисола. Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 183 саҳифа аст.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** унвонҷӯ мубрамияти мавзуъро асоснок намуда, сатҳи таҳқиқи он, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот муқарраротҳи асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаб ва сохтори рисола муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои педагогии фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ном дошта, он аз се зербоб «Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ», «Заминаҳои назариявӣ ва методологии тарбия намудани худшиносӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ва «Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» иборат аст.

Дар зербоби якум унвонҷӯ «Тавсифи асосии мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ»-ро мавриди таҳқиқоти худ қарор дода, мушкилоти дар руҳияи худшиносӣ тарбия ва ба воя расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳими соҳаи педагогика психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология буда, он як қисми таркибии фарҳанги маънавии миллати тоҷик маҳсуб мeёбад ва наслҳои ҷавон, бахусус, наврасонро, киояндаи асосии субъекти миллӣ мебошанд, мутааллиқ будани онҳоро ба таърих ва пайдоиши ин миллати куҳанбунёд ва рушду нумуи он асоснок мекунад.

Зербоби дуюми боби якум **«Заминаҳои назариявӣ ва методологии тарбия намудани худшиносӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ном дорад, ки дар он сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ гардидаанд.

Зербоби сеюм боби якум **«Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи худшиносии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ном дошта дар он сарманшаи тарбияи худшиносӣ аз оила оғоз мешавад. Аз ин боис, худшиносиро бояд дар замири хурдтаракон ҳанӯз аз даврони тифлӣ тарбия бояд кард ва то кадом сатҳу дараҷа ба роҳ мондани он ба дониш, маҳорат ва фаҳмишу масъулиятнокии падару модарон сахт марбут аст. Муҳимтар аз ҳама барои ба роҳ мондани тарбияи дурусти фарзанд, оилаи солиму ҳаматарафа инкишофёфта ва дорои маданияти баланд ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддӣ зарур аст, зеро бе масъулияти баланду ахлоқи ҳамидаи падару модарон ва дигар аъзоёни бузургсолу наздикони оила тарбияи фарзанд ҳамчун насли ҳаматарафа рушдёфта ба камол расидани он имконнопазир аст.

Боби дуюми рисолаи мазкур **«Вазъи тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли таълими фанҳои гуманитарӣ)»** ном дошта, он низ аз се зербоби бо ҳам алоқаманд иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«**Коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид ба тарбияи хонандагон дар руҳияи худшиносӣ дар раванди таълим**» буда** аз ҷониби муҳаққиқ, барои ташхис ва ташаккулу баргузории озмоиши педагогӣ вазифаҳои зерин ба таври мушаххас муайян карда шуданд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми рисола, ки **«Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба тарбияи хонандагон дар руҳияи худшиносӣ»** ном дорад, ба омӯзиши вазъи тарбияи худшиносии хонандагон вазифаи муҳим ва аввалини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва падару модарони хонандагон маҳсуб меёбад. Вазифа аз рӯи мавзуъ, мақсад ва фарзияҳои таҳқиқотии диссертатсионӣ мушаххасан муайян намудани дараҷаи дониш ва малакаҳои назариявии хонандагон дар ҷодаи худшиносӣ – донистани таърихи гузашта ва кунунии хеш, муҳаббат ва самимияту эҳтироми хос доштан нисбат ба сарзамини аҷдодӣ, эҳтиром ба халқу миллатҳои кишвари худ ва кулли миллатҳои бурунмарзӣ, соҳибият доштан ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва амсоли инҳо, ки шаҳодати худшиносии ҳар як хонанда маҳсуб меёбад ва дар ҳаёти рӯзмаърааашон мавриди истифода қарор мегирад, аз ин рӯ, диссертант огози кори таҳқиқотиро бо омӯзгорону хонандагон тавассути анкета (саволнома) ба роҳ мондааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюми рисола, ки **«Натиҷагирӣ аз корҳои таҷрибавӣ–озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ном дорад, ба омӯзиши вазъи босуръати тараққиёти илм ва технологияи замони муосир, бахусус, ҷомсаи кунунии мо ба мутахассисони соҳибилму соҳибхирад ва навовару ташаббускор, ватандӯсту худогоҳ, ки қобилияти касбӣ ва сатҳи сифати донишҳои хешро доимо сайқал, рушду такмил медиҳанд, сахт ниёз дорад. Тағйироти динамикае, ки дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба амал меоянд, мавҷудияти муносибати гуногун ва ғайримуқаррарӣ ба

раванди таҳсилот, тарбияи босифати педагогии мутахассисону хонандагонро тақозо дорад. Талаботи рӯзафзун нисбат ба таълими самарабахши хонандагон махсусан, хатмкунандагони зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва зерсохтори он таҳсилоти асосӣ (МТМА) торафт бештар мегардад, ки ин тақозои замони кунунӣ аст. Аз ин лиҳоз, талабот ба фаъолияти касбии омӯзгор ва сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои хонандагон дар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва барномавӣ – методӣ таҷассум ёфтаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳими илмӣ ва пешниҳодҳои амалии муаллиф оид ба вазъи **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон** пешниҳод шудаанд. Муаллиф, дар асоси таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва далелҳои мушаххас, якчанд хулосаҳои илмӣ пешниҳод менамояд, ки ба омодасозӣ ва дар руҳияи худшиносӣ тарбия намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) мутобиқ бо талаботи замони муосир, татбиқи Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корбандӣ намудани мурочиатҳои хирадмандонаи доимии сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асоснок мешавад ва омӯзиши таърихи гузашта, тамаддун, адабиёт, санъат, расму оинҳои миллии ниёгон ва муосири мо барои боз ҳам аз наздик бештару васеътар ошно гардидан ба боигарии маънавӣ-ахлоқии ҳамидаи инсонӣ, бахусус, худшиносию худогоҳии миллӣ имконияти фаровон меорад. Ҳамчунин, нақш ва мавқеи худшиносӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон арзёбӣ мегардад. Ин натиҷаҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар самти илми таърихи ватанӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқро метавонанд олимони соҳаи педагогика, психология, таърих ва фалсафа ҳангоми

фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор диҳанд. Маводи таҳқиқии диссертатсияро метавон, дар рафти навиштани монография ва асарҳои илмӣ оид ба **технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон**, инчунин метавон дар рафти тартиб додани маводи таълимӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ Ёрматзода Алишер Ҷолмат натиҷаҳои муҳим ва мазмуни асосии диссертатсияи худро дар 33 мақолаи илмӣ ба нашр расондааст. Аз шумораи умумӣ, 13 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда паҳлуҳои муҳими мавзуъро фаро гирифта, саҳми мустақили диссертантро дар таҳқиқоти илмӣ собит месозанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Мавзуи диссертатсия бо истифода аз манбаъҳои илмии ҷойдошта ва таҳлилҳои амиқ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои мукаммал ва дақиқ пешниҳод шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ, кори диссертатсионии мавриди таҳқиқ аз баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо низ холӣ нест, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи мавзуъ ва амиқтар гардидани таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Дар зербоби боби 1-ум боби дуюми диссертатсия «Коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид ба тарбияи хонандагон дар руҳияи худшиносӣ дар раванди таълим» ном дорад, ки дар он баъзе аз камбудиҳои ҷузъӣ аз ҷониби унвонҷӯ ҷой дода шудааст. Тавсия медиҳам, ки коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид ба тарбияи хонандагон дар руҳияи худшиносӣ ҳар як муассиса бо муассисаи дигар муқоиса карда шавад.

2. Ҳам дар боби якум ва ҳам дар боби дуюм ҳангоми таҳияи ҷатвал ва расмҳо хатоогиҳои техникӣ дида мешаванд.

3. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда хислати тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошанд ва ба мазмуну мундариҷаи илмию амалии кори диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд. Тавре ки қайд гардид, камбудиҳои мавҷуда метавонанд бо ворид намудани якчанд ислоҳоти хурд дар таҳлили баъзе мавзуъҳо ё афзоиши гуногунрангии манбаъҳо ислоҳ шаванд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба нашр расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, самтҳои муҳими таҳқикро ба таври дақиқ ва фаҳмо дарбар мегиранд. Кори диссертатсионии мазкур аз лиҳози муҳтаво, методология ва доираи масъалагузорӣ комилан ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат дошта, ҷавобгӯи талаботи мавҷуда мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳо ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмад «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Саидов С.Ш.

Имзои Саидов С.Ш. ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии бохтар
ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

**Суроғаи муассиса:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон шаҳри Бохтар , кӯчаи Айнӣ, 67 факс (83222) 2-46-63
Тел: (83222) 2-54-81; (83222) 2-22-53 www.btsu.tj почтаи
электронӣ bgu-1978@ **mail.ru**

«24» 07 соли 2025